# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шурои диссертатсионии 6D. КОА-029 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо чиҳати дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100 – фалсафа ва 6D020600 - диншиносӣ, ки дар назди Донишгоҳи миллии Точикистон таъсис ёфтааст, доир ба диссертатсияи номзадии Зокиров Сӯҳроб Ибодович дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии чомеаи муосири Точикистон», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи ичтимоӣ пешниҳод шудааст.**

Комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:

- доктори илмҳои фалсафа, профессор Муҳаммадалӣ Музаффар (09.00.11 – фалсафаи ичтимоӣ), раиси комиссия;
- доктори илмҳои фалсафа, профессор Зиёев И.Ғ. (09.00.03 – таърихи фалсафа), аъзо;
- доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадова М.Ф. (09.00.03 – таърихи фалсафа), аъзо.

Дар ҳаёти чамъиятии кишвари мо баробари зарурияти ҳалли як қатор масъалаҳои мубрами рушди чомеа инчунин талоши дарёфти посухҳои муносиб ба як қатор муаммоҳои таъмини инкишофи маънавии он мубрам боқӣ мемонад. Муҳимияти татбиқи талошҳоро дар ин самт на танҳо таъсири омилҳои берунӣ, балки аз бисёр чиҳат омилҳои дохилии рушди чомеа пеш мегузоранд. Таҳлили мундаричаи рисолаи Зокиров Сӯҳроб Ибодович дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии чомеаи муосири Точикистон» нишон медиҳад, ки дар фалсафаи ичтимоии даврони соҳибистиқлолии Точикистон дар ин самт дигаргуниҳои хеле назаррас ба амал омада, барои дарки муназзаму мақсадноки ҳодисаҳои чамъиятӣ, аз чумла падидаҳои ҳаёти маънавӣ, инкишофи қобили идора намудани онҳо, маҳорати тарҳрезии самти рушди эҳтимолияшон ва ғайра заминаҳои назариявию методологӣ фароҳам овааранд. Дар ҳамин замина таъсири омилҳои маънавӣ ба рушду суботи чомеаи муосири Точикистон муайян гардида, баррасии онҳо дар қаринаи дигаргуниҳои чаҳони имрӯза ба даст омадааст. Ин тамоюл имконият фароҳам меорад, ки баробари ба ворисият гирифтани арзишҳои суннатӣ инчунин зуҳури арзишҳои нави чомеа пайгирӣ шавад ва онҳо бо ҳадафҳои ташаккули шуури миллӣ созгор гарданд.

Ҳамин тавр, муаллиф дар ду боб чанбаҳои умдатарини масъалаи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода аст. Мулоҳизаҳои муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур дар заминаи равишҳои мӯътабари таҳлилӣ бар он

асоснок шудаанд, ки арзишҳои маънавии ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои калидии ҷомеа ба шумор мераванд. Чунки вазъи иҷтимоӣ-фарҳангии замони муосир дар худ масъала ва равандҳои гуногунро касб намудааст, ки онҳо аз бухронҳои гуногун, афзоиши падидаҳои номатлуби тундгароиву ифротгароӣ, рақобатҳои фарҳангӣ ва ғайра иборат мебошанд. Дар ин замина, ҳаёти ҷомеаро хатарҳои номатлуб ва ғайричашмдошт таҳдид мекунанд. Маҳз аз ин нуқтаи назар, муаллиф арзишҳои маънавиро дар каринаи дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаи тоҷикистонӣ мавриди омӯзиш қарор додааст, ки хело ҳам муҳим мебошад.

Ҳамзамон, муаллиф дар кори илмии худ, мавзуи матраҳгардидаро ба он асонок мекунад, ки вазъи кунунии фарҳангӣ, тамоюлҳои бисёрҷанба ва шумораи зиёди мушкилиҳои иҷтимоӣ ва маънавиро ба вуҷуд овардааст. Дар баробари ин ҳаёти иҷтимоии шахс боз ҳам мураккабтар мегардад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва бухронҳои иҷтимоӣ-этникӣ, дур шудани инсон аз худ, аз оламии маънавии худ ва инчунин аз олами гирду атроф, фаъолшавии фазои интернетӣ, иттилоотӣ ва ғайра, то андозае барои ҳар як узви ҷомеа мушкилоти нав ба бор меоранд.

Маҳз аз ҳамин лиҳоз, муаллифи диссертатсия омӯзиши масъаларо аз ду дидгоҳ асоснок намудааст: арзишҳои фарҳангӣ ва маънавӣ метавонанд ба устувории нисбии равобиту муносибатҳои ҷамъиятӣ заминаи воқеӣ муҳаё кунанд; дуюм, арзишҳои маънавии ҳаёти ҷомеа имконияти ташаккули фазои азнавсозиҳои ҷамъиятиро фароҳам меоранд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили рисолаи мазкур бармеояд, ки муаллиф дар самти таҳқиқи масоили фалсафаи иҷтимоӣ кори муайян ва шоистаи дастгириро анҷом додааст. Манобеи истифода намудааш аз сарчашмаҳои аввал ва мӯътамади илмӣ аст, ки ин аз мавҷудияти қобилияти мустақилона пеш бурдани корҳои илмӣ аз ҷониби ӯ гувоҳ медиҳад. Муаллиф вобаста ба мавзуи кори илмияш мақолаҳо дар маҷаллаҳо интишор дода, дар анҷуманҳои илмӣ баромаду гузоришҳо кардааст.

Таҳқиқоти илмӣ, дастовардҳои методологии дар кор истифодашуда ва натиҷаҳои бадастовардашуда, бешубҳа, мазмуну мундариҷаи мафҳумҳо ва назарияҳои илмие, ки омили ташаккули арзишҳои маънавии ҷомеа мебошанд, ғанӣ мегардонад.

Мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ ба талаботи меъёрҳои муқарраршуда мувофиқ буда, ҳамоҳанг бо қисмати навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд.

Ҷанбаи назариявию амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ кӯшиш кардааст, ки дар асоси таҳлил ва омӯзиши маводи мавҷуда, моҳияти арзишҳои маънавиро муайян карда, таъсири онро ба рушди минбаъдаи ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ нишон диҳад.

**Навгонии мазкур ба сифати муқарраротӣ асосии таҳқиқот барои ҳимоя ба тариқи зайл пешниҳод карда мешаванд:**

- Моҳияти арзишҳои маънавӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию фарҳангӣ асоснок карда шудааст;
- Таҳаввули диду назарҳои илмӣ оид ба моҳияти арзишҳои маънавӣ баррасӣ карда шудааст;
- Омилҳои муҳимми таъсиррасон ба ташаккули арзишҳои маънавии афрод дар муҳити ҷомеаи тағйирёбанда нишон дода шудааст;
- Бори аввал ба гардиши илми фарҳангшиносӣ баррасии мақоми арзишҳои маънавӣ дар муҳити хоси фарҳангию иҷтимоӣ ворид гардидааст;
- Алоқамандии ҳастии арзишҳои маънавӣ ва муносибатҳои истеҳсолии ҷомеа дар шароити муосир нишон дода шудааст;
- Муайян шудааст, ки ташаккулёбӣ ва ҳастии арзишҳои маънавӣ аз вижагиҳои мушаххаси муҳити муайяни фарҳангӣ вобастагӣ дорад;
- Нақши арзишҳои маънавӣ барои паст кардани шиддати якхелакунонӣ ва умумикунонии ҳамаи шаклҳои фаъолияти ҳаёт дар раванди ҷаҳонишавӣ нишон дода шудааст;
- Таносуби шаклҳои зуҳури арзишҳои маънавӣ вобаста ба муҳитҳои хоси фарҳангӣ ва тамоюлоти рушди ҷомеаҳо возеҳ баён гардидааст;
- Бори аввал замина ва омилҳои риоя нашудани баъзе аз арзишҳои маънавӣ дар рафтору муносибати аъзои ҷомеа вобаста ба хусусиятҳои иҷтимоӣ ва фардии онҳо таҳлил шудааст.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳия кардани дастурҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба масъалаҳои муосири илмҳои иҷтимоӣ мавриди истифодабарӣ қарор дод. Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанни фалсафаи иҷтимоӣ ва ҷомеашиносӣ низ истифода намудан мумкин аст.

**Дар натиҷа ҳайти комиссия ба чунин хулоса омад:**

1. Рисолаи таҳқиқшуда дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» ба рамзи ихтисоси фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқ буда, яке аз масъалаҳои меҳварии он ба ҳисоб меравад;
2. Диссертатсия ба ихтиссоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.
3. Мазмуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқ аст.
4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Зокиров Сӯҳроб Ибодович дар 6 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба чоп расонида шудаанд;
5. Дар рисола натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва нишондиҳандаҳои амалӣ истифода шудааст
6. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Зокиров С.И. ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъйин карда шавад.
7. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Зокиров С. мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Ҳомидзода Аслидин – доктори илмҳои фалсафа, профессор, декани факултети таҳсилоти ғоибонаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;
- Миров Фирӯз – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

8. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
9. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
Доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Муҳаммадалӣ Музаффар

**Аъзои комиссия:**
Доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Зиёев И.Ғ.

доктори илмҳои фалсафа,
профессор /____________/ Маҳмадова М.Ф.